## ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Сафарзода Мунир Ватан дар мавзуи «Назария ва амалияи андрагогика дар низоми такмили тахассуси кадрҳои педагогӣ дар шароити нави Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод гардидааст.

Масъалаи ташаккули малакаҳои касбии омӯзгорон ва тарбиягарон дар ҳама давру замон муҳим арёбӣ мегардад. Ҳақ бар ҷониби унвонҷӯ аст, ки мегӯяд: «Дар шароити кунунии баланд бардоштани сифати таҳсилот дар муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ, таҳаввул ва рушди соҳаи маориф, илм ва техника, аз ҷумла, дар бахши таҳсилоти калонсолон беш аз пеш аҳамияти муҳимми бунёдӣ ва амалӣ пайдо мекунад. Нақши таҳсилоти калонсолон дар охири асри XX ва оғози садаи навин дар саросари кишварҳои ҷаҳон нисбати воридшавии таълимгирандагон ба фазои таълиму омӯзиш ва дарки амиқи фаъолнокии равандҳои инноватсионӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Ислоҳоти ҷомеа ва низоми маориф ҳамчун ҷузъи пешбарандаи он, пеш аз ҳама, сифати нави фаъолияти педагогӣ ва тағйир додани шуури шахсонеро, ки ба ислоҳоти маориф нигоҳи тоза доранд, тақозо мекунад. Гузариш аз таълими анъанавӣ ба низоми ба толибилм нигаронидашуда бидуни омӯзгори фаъол ва эҷодкор, ки афзалиятҳои фаъолияти касбӣ ва рушди худро мустақилона муайян карда тавонад, ғайриимкон аст».

Таҳлил ва мушоҳидаи вазъи кунунии таълими калонсолон дар муассисаҳои такмили ихтисоси омӯзгорон нишон медиҳад, ки дар ҳақиқат мақсад, мазмун, усул ва шаклҳои раванди низоми такмили ихтисоси омӯзгорон ба дигаргуниҳои ҷиддӣ ниёз дорад ва дар ин ҷода муҳаққиқон бо дарназардошти зарурати ба вуҷуд овардани шаклу усулҳои нави таълими калонсолон фаъолияти низоми такмили ихтисоси кормандони соҳаи маорифро дар иртибот бо рушди андрагогика нишон дода, роҳу усулҳои нави ҳалли ин масъаларо пешниҳод кардаанд.

Сафарзода Мунир Ватан масъалаи ҳамчун роҳнамоии калонсолон будани вазифаҳои андрагогика ва роҳкушоянда будани он барои рушди ҳамаҷонибаи маърифатӣ-зеҳнии онҳоро ба таври муфассал шарҳ дода, қайд кардааст, ки андрагогика ҳамчун низоми ҳамоҳангшудаи илмӣ мақоми ниҳоии худро ҳамчун яке аз илмҳои мустақили таълимӣ ҳанӯз ба пуррагӣ касб накардааст ва асосҳои назариявӣ ва илмӣ-методологии он натанҳо дар ҷумҳурии мо, балки дар кишварҳои хориҷ низ ҳануз мавриди омӯзиш ва

таҳқиқи васеъ қарор наёфтааст. Аз ин лиҳоз, мавзуи диссертатсияи довталабро саривақтӣ ва мувофиқи талаботи замон ҳисобида, таҳқиқу баррасии ҳамаҷонибаи илмӣ-назариявии таълими калонсолонро зарур мешуморем.

Муҳаққиқ дар натиҷаи таҳлил ва баррасии назарияҳои илман асосёфтаи мутахассисони соҳаи андрагогика ва таълими калонсолон, инчунин вазъи кунунии таълиму тарбия дар самти омӯзиши калонсолон навгонии илмии таҳқиқотро ба вуҷуд овардааст, ки ба таври зайл аст: кори диссертатсионии мазкур аввалин таҳқиқоти проблемаи асосҳои андрагогии таълим дар заминаи назарияи андрагогикаи муосир ва таълими калонсолон дар низоми соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад;, аз ҷониби муҳаққиқ давраҳои рушди таълими андрагогии калонсолон муайян карда шуда, сохтори хронологии он таҳия гардидааст; заминаи назариявӣ бобати ташкили амалии таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи таҳсилоти ғайрирасмӣ ва андрагогика муайян карда шудааст; механизми омода кардани ҳайати кории илмӣ ва таълимӣ дар низоми такмили ихтисос ва азнавтайёркунии ҳайати педагогӣ коркард карда шудааст; довталаб амсилаҳои фаъолияти дастурдиҳандаи андрагогро асоснок карда, малакаҳои асосӣ, дониш, сифат, салоҳиятмандии педагогии андрагогро муайян кардааст; аз ҷониби муҳаққиқ дар асоси ғояҳои бунёдӣ (назариявӣ) ва хулосаҳое, ки дар шакли таҷриба санҷида шудааст, монография, дастурҳои таълимӣ-методӣ, барномаҳои курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф, мақола ва фишурдаҳои илмӣ таҳия гардидаанд; методология, назария ва самтҳое, ки нақши таҳсилоти ғайрирасмиро дар низоми такмили ихтисос тавсиф мекунанд, муайян карда шудаанд; дар асоси таҳқиқоти илмии ватанӣ ва хориҷӣ консепсияҳои назариявии фазои консептуалии таълими ғайрирасмии кадрҳои педагогӣ мураттаб карда шудаанд.

Мазмуну мӯҳтавои кори ба анҷомрасонидаи муҳаққиқ дар муқаддима, чор боб, хулоса ва тавсияҳо инъикос шудаанд. Натиҷаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии диссертатсияи Сафарзода Мунир Ватан дар конференсияҳои илмию амалӣ, мизҳои мудаввар ва семинарҳои илмӣ-методӣ баррасӣ шуда, мавриди муҳокима қарор гирифтаанд. Натиҷаҳои ноилгашта, роҳу усулҳо ва технологияи коркардшудаи муаллифро дар раванди ба роҳ мондани курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон, дар тамоми миқёси Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурдан мумкин аст.

Довталаби дараҷаи илмӣ дар хулосаи диссертатсия танзиму таснифи натиҷаҳои озмоиши педагогиро ба субут расонида, мавриди арзёбӣ қарор

додааст ва вобаста ба натиҷаҳои ноилшуда хулосаву тавсияҳои зарурӣ ироа кардааст.

Лозим ба ёдоварист, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ арзишҳои назарраси илмиву амалиро соҳиб буда, муътамадӣ, асоснокӣ ва возеҳии он дар гузориши проблема ва роҳҳои ҳалли он, ҳадаф, вазифа, фарзия ва аҳамияти назариявию амалии он зоҳир мегардад.

Автореферати довталаб муҳтавои асосии кори диссертатсиониро фаро гирифта, ба мақсаду вазифаҳои дар кори диссертатсионӣ гузошташуда ноил гаштааст.

Мувофиқи натиҷаҳои дар автореферат баррасигардида кори диссертатсионии Сафарзода Мунир Ватан дар мавзуи «Назария ва амалияи андрагогика дар низоми такмили тахассуси кадрҳои педагогӣ дар шароити нави Ҷумҳурии Тоҷикистон», таҳқиқоти илмии баанҷомрасида арзёбӣ шуда, ҳаҷм, дастгоҳи илмӣ, арзиши назариявӣ ва амалии он ба талаботи КОА-и назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор мебошад.

Доктори илмҳои педагогӣ,
профессори Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Н.Хусрав Сатторов А. Э.

21.02.2024

Маълумот барои тамос: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Бохтар, кӯчаи К.Айнӣ 67; Телефон моб.: (+992) 987 67 57 73; E-mail: asattorov50@mail.ru.

*«Имзои Сатторов Абдурасул Эшбековичро тасдиқ мекунам»*

*Сардори шуъбаи кадрҳои ва КМ*
*ДДБ ба номи Н.Хусрав* *Шукурзод Ҷ.А.*

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС